Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА–019
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак)

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Муродзода Фирӯза Рузибой дар мавзуи «Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятӣ ва криминологии муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст. (Душанбе, 2022. – 32 саҳ.).

Мавзуи диссертатсияи Муродзода Фирӯза Рузибой ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи ҷиноятӣ – «Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятӣ ва криминологии муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида шудааст. Муқаррарот барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан вобаста ба муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо, ки дар моддаи 202[1] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст, масоили ҳуқуқии он муҳтавои асосии автореферати диссертатсияи Муродзода Фирӯза Рузибойро ташкил медиҳад.

Аз омӯзиши автореферат бар меояд, ки мавзуи диссертатсияи Муродзода Ф.Р. ба яке аз масъалаҳои мубрами аҳамияти назариявӣ ва амалидоштаи қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ бахшида шуда, ба такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ, ҳангоми баррасии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо ва баланд бардоштани донишу малакаи кормандони оперативии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст.

Муаллиф мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрам ва зарурӣ ҳисобида, таваҷҷуҳи бештари мутахассисони соҳаи ҳуқуқи ҷиноятиро ба он ҷалб мекунад.

Автореферат дар шакли матн дар ҳаҷми 32 саҳифа пешниҳод шуда, аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, қисмҳои асосии таҳқиқот (фишурда), хулоса ва тавсияҳое, ки дар он ҷамъбасти мухтасари таҳқиқот дарҷ гардидааст, инчунин феҳристи интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия иборат мебошад.

Дар автореферати диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва мавзуи (предмет) таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, заминаҳои эмпирикӣ, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шуда, доир ба саҳми шахсии довталаб, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври зарурӣ муқаррарот пешбинӣ гардидааст.

Хулоса ва тавсияҳои дар таҳқиқот пешбинишуда, боэътимод ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, бо усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмии дар таҳқиқот истифодашаванда, таъмин карда шудаанд. Бисере аз муқарраротҳо, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқот дар гардидаанд, навгонии илмӣ мебошанд.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулоса омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия шудааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ инъикос намуда, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Муаллиф кӯшиш кардааст нишон диҳад, ки дар баробари муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ то чи андоза

муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо ҷаҳонро ба ташвиш овардааст ва имрӯз масъалаи мубрам шудааст.

Аз матни автореферат бармеояд, ки диссертатсия ягонагии дохилӣ дорад. Сохтори диссертатсия тибқи мақсад ва вазифаҳои он, инчунин талаботи таҳқиқоти муттасил ва мантиқӣ интихоб карда шудааст. Бобҳо ва зербобҳои диссертатсия бо дарназардошти таҳқиқи мантиқӣ тибқи усули илмии гузариш ба мафҳумҳои умумӣ ва мушаххас, муайян карда шудааст.

Дар рисолаи мазкур бо дарназардошти усулҳои умумиилмӣ ва усулҳои илмии хусусӣ, заминаҳои меъёрӣ, эмпирикӣ ва асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таври васеъ истифода гардидаанд.

Аз тартиби таҳияи автореферат бармеояд, ки диссертант дар саркарда аз муқаддима ва дигар талаботҳои ҷойдошта, ки зикраш дар диссертатсия ҳатмӣ мебошад, ба ҳама паҳлӯҳо ишора намудааст.

Ҳамзамон, аз тарафи муаллифи диссертатсия дар мақола ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ пешниҳодҳо ҷиҳати такмил бахшидани қонунгузории ҷиноятии ватанӣ ва фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда дар соҳаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо ироа гардидааст, ки аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дарак медиҳад. Ғайр аз ин, навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Сохтори диссертатсия бо дарназардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо), феҳристи интишороти илмӣ ва замима иборат буда, ҳаҷми умумии он 195 саҳифаро дар бар мегирад.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф то ҳадди зарурӣ масъалаҳои дар наздаш гузошташударо ҳал намудааст, вале новобаста ба ин, баъзе масъалаҳое дар самти таҳқиқи муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо ҳамоно боқӣ мондаанд, ки таҳлилу баррасии

алоҳидаро талаб менамоянд. Бинобар ин, ҳамчун эрод ҳаминро қайд менамоем, ки дар заминаҳои эмпирикии фишурдаи (автореферати) таҳқиқоти диссертатсионӣ (С. 9) муаллиф маводҳои 112 парвандаи ҷиноятии шахсоне, ки барои содир намудани ҷиноятҳои мухаддиротӣ маҳкум шуда, дар бойгонии судҳои ноҳияҳои шаҳри Душанбе, вилоятҳои Суғду Хатлон маҳфузанд, мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додааст. Аммо, диссертант ҳамаи шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла ВМКБ-ро мавриди омӯзиш қарор надодааст. Мехостем, муалиф назари худро вобаста ба ин ҳолат асоснок намояд.

Ба сифати тавсия гуфтан мумкин аст, ки дар маводҳои эмпирикӣ гузаронидани пурсишҳо байни кормандони суд, прокуратура, тафтишот ё кормандони дастгоҳи оперативӣ барои боз ҳам асоснок намудани ақидаҳо истифода мешуд, сифати рисолаи диссертатсионӣ ва автореферат ро боз ҳам баландтар менамуд.

Гуфтаҳои болозикр ба мазмуну моҳияти диссертатсияи муаллиф костагӣ ва духурагиро ба миён наоварда, баръакс василаи пурра ва мустаҳкам намудани онро ифода менамояд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 12 мақолаҳои илмии муаллиф инъикос гардидааст: 1 дастурамали методӣ ва 11 мақолаи илмӣ буда, аз ин 4 мақолаҳо дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 мақолаҳо дар нашрияҳои ватанӣ ва хориҷӣ интишор шудаанд. Ҳамаи онҳо бо мазмун ва мавзуи рисолаи илмӣ бевосита алоқаманд мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки таҳқиқоти анҷомдодаи Муродзода Ф.Р. мусбат мебошад, зеро он нахустин рисолаи илмӣ бо забони давлатӣ буда, дар бораи тавсифи ҳуқуқии ҷиноятӣ ва криминологии муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо навишта шудааст, ки ин барои муҳаққиқони оянда заминаҳои мусоидро дар илми ҳуқуқшиносии кишвар мегузорад.

Дар маҷмуъ, қобили қайд аст, ки автореферати диссертатсияи номзадии Муродзода Ф.Р. мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, дар он масъалаҳои бамиёнгузошта аз лиҳози илмӣ пайдарпай ва асоснок матраҳ гардида, аз рӯйи ақидаю андешаҳои ҷадид ва мантиқӣ таҳлил шуда, сазовори баҳои мусбат мебошад.

Таҳлили автореферати мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Муродзода Ф.Р. дар шароити имрӯза муҳим ва зарурӣ арзёбӣ гардида, ба талаботи муқаррарнамудаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахта №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, аз тарафи муаллиф мустақилона омода гардида, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмӣ мебошад. Таҳқиқоти мазкур саҳми шахсии муаллифро дар соҳаи илм нишон медиҳад ва муаллифи рисола Муродзода Ф.Р. сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

Тақризҳанда:

Мудири кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ
ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, дотсент Алиев Ф.Ш.

Имзои Алиев Ф.Ш.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.С.

Суроғa: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, кӯчаи деҳоти ½ тел.: (+992 237_ 234-83-46. E-mail.: tguk@mail.ru http//www.tguk.ru.